**ҚАРОРИ**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-014**
**назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**аз 23 июни соли 2025, №63** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзуи «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), тақризи роҳбарӣ илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Султонов Зубайдулло Султонович, тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Мирсаидов Аврор Бобоевич– доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба корҳои илм ва таълими Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Ҳусайнов Муродали Сайдамирович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., профессор Умаров Х., д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М., ва аъзоёни шуро д.и.и., профессор Саидмуродзода Л.Ҳ. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Ибодов Нурали Ҳасанович,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзуи «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;
3. Ба Ибодов Нурали Ҳасанович дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Ибодов Нурали Ҳасановичро бо дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос сарфароз гардонад.

**Раисикунанда:**
**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ** **Кошонова М.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**23 июни соли 2025.**